## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи номзадии унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): банд 1 – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фаннии педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар тақиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим; асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ); банди 3 – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот); банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимо-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асоҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият),

ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахс) мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзӯи интихобнамудаи унвонҷу.** Масъалаи ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар илми педагогика аз масоили таҳқиқнашуда маҳсуб дониста мешавад. Махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таҳқиқоти алоҳида бахшида нашудааст. Унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид маҳз ҳамин нуктаро ба назар гирифта мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст. Унвонҷу низ таъкид менамояд, ки азнавсозӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф татбиқ намудани чунин як низомеро тақозо менамояд, ки тавонад тамоми кори тарбияи ахлоқии насли наврасро ба дараҷаи талаботи имрӯза, ба ҷараёнҳои пешқадами дар ҷомеа баамаломада баланд бардошта тавонад.

Бояд зикр намуд, ки дар байни дигар сифатҳои ахлоқии насли наврас дар хонандагон ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ аз масъалаҳои калидӣ маҳсуб дониста мешавад. Ин масъала гуногунпаҳлу, мураккаб ва доманадор буда, аз омӯзгорон ва падару модарон масъулиятнокии ниҳоят баландро талаб менамояд.

Унвонҷу ҳолати кунунии тарбияи ахлоқии насли наврасро ба инобат гирифта менависад: «Вазъи имрӯза дар ҷомеа зарурати ба низом даровардани ҷараёни аз худ намудани арзшҳои маънавӣ-ахлоқиии насли наврасро ба миён мегузорад. Бинобар ин, дар шароити нави инкишофи ҷомеа дар назди илми педагогика ҷорӣ намудани модели нави таҳсилот гузошта мешавад, ки вазифаи он аз тарбияи шахсияти нотакрор иборат буда, дар навбати худ талаботи ҷиддӣ зоҳир намудан ба бошуурона азхудкунии сифатҳои ахлоқии насли наврасро тақозо мекунад. Дар байни сифатҳои ахлоқие, ки дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода мешавад, тарбияи ҷуръатноки ахлоқӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд (с. 4).

Унвонҷу барои асоснок намудани мавзуи интихобнамуда сарчашмаҳои зиёди илмиро омӯхта, ҳамзамон таҷрибаи дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ андухташударо оид ба масъалаи тарбияии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳлил намудааст, ки ин имкон додааст, паҳлуҳои норавшани масъалаи мазкур ошкор карда шавад. Ҳамаи ин ба муҳаққиқ имкон додааст, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро аз нуқтаи назари илмӣ ҳаматарафа асоснок намояд.

**Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои ба даст овардашуда, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** аз он иборатанд, ки дар диссертатсия хусусиятҳои махсуси ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ошкор карда шуда, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Инчунин қобилияти интихоби рафторҳои дурусти ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ муайян карда шуда, барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқ оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ тарҳрезӣ карда шудааст.

Яке аз ҳадафҳои эътимодноки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад дарёфти роҳу воситаҳои ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол тавассути ташкилу ба роҳ мондани корҳои коллективона ба ҳисоб меравад Бинобар ин, аз ҷониби унвонҷу шаклҳои гуногуни ташкил намудани фаъолияти коллективонаи мактаббачагони хурдсол ба роҳ монда шудааст. Дар диссертатсия намунаҳо аз ташкили корҳои коллективонаи мактаббачагони хурдсол пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия** аз он иборат мебошад, ки тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол таҷассумгари сифатҳои баланди ахлоқӣ арзёбӣ гардида, дар ташаккулу болоравии маънавиёт, мавқеи муайяни ахлоқии хонандагон такондиҳанда мебошад. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва оила дар раванди ташаккули

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербанд, хулоса оид ба ҳар як боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» масъалаҳои зерин баррасӣ гардидаст:** хусусиятҳои махсуси ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; моҳият ва мазмуни ташаккули малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми дарс ва корҳои берунасинфӣ.

Дар боби мазкур нуқтаи назари олимони соҳаи педагогика ва психология оид ба масъалаи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон омухта, таҳлил карда шуда, ҳамзамон нуқтаи назари худи муаллиф оид ба масъалаи ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар

мактаббачагони хурдсол пешниҳод шудааст. Дар ин боб вобаста ба марҳилаҳои таҳқиқот ва вобаста ба мақсад, вазифа ва фарзияи таҳқикот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тарҳрезӣ карда шудааст.

Унвонҷу дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳои гузаронидааш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ синну соли хурди мактабиро барои аз худ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ комилан мувофиқ медонад. Азбаски таъсири муҳити беруна ба шахсияти мактаббачагони хурдсол ҳанӯз кам таъсиргузор аст, онҳо тибқи дастури омӯзгорон ва падару модарон амал менамоянд. Мактаббачагони хурдсол ба пайравӣ бо калонсолон рафторҳои шоистаии ахлоқиро иҷро менамоянд. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки маҳз бо дарназардошти чунин хусусиятҳои педагогию психологии мактаббачагони хурдсол омӯзгорон ва падару модарон бояд ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол эътибори махсус диҳанд.

Унвонҷу хусусиятҳои педагогию психологӣ ва синнусоли мактаббачагони хурдсолро муфассал бо овардани мисолҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намудааст. Таҳлилҳои пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷу хусусиятҳои педагогию психологӣ ва синнусрлии мактаббачагони хурдсолро хуб медонад ва ба омӯзгорону падару модарон тавсия менамояд, ки тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсолро маҳз бо дарназардошти ин хусусиятҳо ба роҳ монанд.

Дар боби дуюми диссертатсия зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ унвонҷу аз имконияти ҷараёни таълим ва корҳои беруназсинфӣ дар ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода бурдааст. Дар ин бора аз китобҳои дарсӣ, адабиёти бачагона ва ташкил намудани корҳои тарбиявии беруназсинфӣ истифода бурда шудааст.

ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол саҳми арзишманди худро гузоранд.

Ташкилу бароҳмонии тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ба мактаббачагони хурдсол имконият медиҳад, ки онҳо аз аз муҳити маънавӣ-ахлоқӣ, таҳлилу баррасӣ намудани рафтору амалҳои шоиставу номатлуб, хулосабарорӣ ва худбаҳодиҳӣ ба рафтори худ ва дигарон бархурдор бошанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда ба он далолат мекунанд, ки унвонҷу вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои зиёди педагогҳо, психологҳои ватанию хориҷиро омухта, мавқеи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқиро дар ташаккули шахсияти мактаббачагони хурдсол ошкор сохта, дар ҳамин асос нуқтаи назари хешро низ дар масъалаи мазкур пешниҳод кардааст, ки мо онҳоро ҳамчун асос дар таҳқиқоти мазкур пазируфтем. Масалан, фикри унвонҷу аз он ҷиҳат ҷолиб мебошад, ки дар баъзе ҳолатҳо кӯдакон наметавонанд рафторҳои дурусти ахлоқиро анҷом диҳанд, зеро онҳо пештар ба чунин рафторҳо дучор нагардида буданд ё ин ки дар рафтори одамони калонсол ва ҳамсолон чунин амалро мушоҳида накардаанд. Ё ин ки рафторҳои нодурусти дигарон ба онҳо таъсири манфӣ расонидааст (саҳ. 21).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷу дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда 4 мақола интишор карда шудааст. Дар дигар нашрияҳо бошад, аз ҷониби муаллифи диссертатсия 4 мақола интишор гардидааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, ҷаласаҳои шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия асосан ба ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Дар ин боб ба масъалаи тарбияи ҳисси қарзи инсонӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мароқ зоҳир карда шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҳар сол ҷавонони зиёд ба ҳаёти мустақилона гусел гусел карда мешаванд, ва аз ин ру дар маркази диққати омӯзгорон ва волидайн пайваста бояд як масъала, яъне моҳияти инсоне, ки ҳамчун шахсият ба воя мерасад, қарор дошта бошад. Дар ин бора унвонҷу менависад: «Иҷрои қарзи инсонӣ донистану дарк намудани вазифаҳои худ дар назди меҳан, ҷомеа, арзишҳои ахлоқӣ, инсонҳои дигар, сарнавишт ва бахту зиндагӣ мебошад. Эҳсоси қарзи инсонӣ ҷавҳари ахлоқие мебошад, ки ташакули инсони комил ба он вобастагии зиёд дорад» (саҳ. 87).

Дар диссертатсия мавқеи оилаи муосир дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шудааст. Дар ин бора дар зербанди дуюми боби дуюми диссертатсия дар асоси гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз таҷрибаи ҳамкории мактаб ва оила маводи зиёд пешниҳод шудааст. Унвонҷу воқеан дуруст таъкид менамоянд, ки дар оила муҳайё сохтани шароите, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мусоидат намояд, хеле зарур аст, чунки оила барои кӯдак даргоҳест, ки аввалин пояҳои ахлоқи шоистаи инсонӣ гузошта мешавад. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу атвор, ормон-асоси ҳамаи ин хусусиятҳои муҳимми иҷтимоӣ-психологии шахсият дар оила гузошта мешавад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тақризшаванда ва дигар нашрияҳо интишор ёфта, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳлили диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саидро ба анҷом расонида, бояд иброз намуд, ки дар баробари муваффақиятҳо дар таҳқиқоти анҷомдодашуда баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида расид, ки зеринҳо мебошанд:

1. Дар диссертатсия шаклҳои ҳамкории мактаб ва оила ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол тарбия намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ ба пуррагӣ пешниҳод нагардидааст.

2. Унвонҷу камбудиҳои мавҷудбудаи омӯзгорони синфҳои ибтидоиро барои дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ нишон додааст, вале роҳҳои бартараф намудани ин камбудиҳо ба пуррагӣ пешниҳод нагардидааст.

3. Мебоист, ки унвонҷу ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ бештар ба муносибатҳои байниҳамдигарии мактаббачагони хурдсол таваҷҷуҳ менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои техникию орфографӣ ба чашм расид.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд ва онҳо барои дар оянда беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

1. Таҳқиқотии анҷомдодаи унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид фарогири масъалаҳои мубрами тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол маҳсуб دониста мешавад.

2. Шиносой бо мазмуни диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ проблемаи мазкурро хуб медонад ва дорои маълумоти хуби назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда мебошад.

3. Тавсияҳои пешниҳодшуда низ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва падару модарон ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол судманд мебошанд.

3. Хулосаҳои ҳар як боб давоми мантиқии якдигар буда, асоснок

мебошанд.

4. Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», кори илмии мустақилона бaанҷомрасида маҳсуб дониста шуда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибулоевна

19.06.2025

*Имзои Н.Ҳ. Давлатоваро тасдиқ мекунам:*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МТД "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба*
*номи А. Рӯдакӣ"* *М.А. Давлатов*

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Таҷкистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16 1; Тел: (83322)+9929881667266; E-mail: E-mail: